*Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун*

# САДОИ МАРДУМ

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | № 94 (4677) | ҶУМЪА, 21 ИЮЛИ СОЛИ 2023 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад




## САФАРИ КОРИИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН БА ПОДШОҲИИ АРАБИСТОНИ САУДӢ

(Идома аз шумораи гузашта)

**Нуздаҳуми июли соли 2023 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Ҷиддаи Арабистони Саудӣ дар Нишасти нахустини Шӯрои сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ ва кишварҳои арабии Халиҷ иштирок ва суханронӣ намуданд.**

Дар оғози суханрониашон Пешвои миллат ба Подшоҳи Арабистони Саудӣ, Ходими ҳарамайни шарифайн, Аълоҳазрат Салмон ибни Абдулазиз Оли Сауд ва Раиси Шӯрои вазирони Подшоҳии Арабистони Саудӣ Волоҳазрат Валиаҳд Муҳаммад ибни Салмон барои даъват ба нишаст ва меҳмоннавозӣ миннатдории худро изҳор намуда, ҳамзамон ҷониби Арабистони Саудиро барои дар сатҳи баланди ташкилӣ ва бомуваффақият баргузор намудани мавсими Ҳаҷ дар соли ҷорӣ табрик гуфтанд.

Зимни суханрониашон Сарвари давлати Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз муштаракоти амиқи таърихӣ, фарҳангӣ ва маънавии кишварҳои Осиёи Марказӣ ва ҳавзаи Халиҷ ёдовар шуда, таъкид намуданд, ки масъалаҳои вобаста ба таҳкими робитаҳои гуногунҷанба бо кишварҳои аъзои Шӯрои ҳамкории кишварҳои арабии Халиҷ ҳамчун яке аз самтҳои муҳими сиёсати хориҷии кишвар муайян карда шудааст.

Дар ин замина дар баробари таваҷҷуҳ ба аҳамияти роҳандозии муколамаи стратегӣ дар чорчӯбаи «Осиёи Марказӣ-Халиҷ», омодагии ҷониби Тоҷикистон барои тақвияти ҳамкориҳои мутақобилан судманд дар бахшҳои гуногуни иқтисод, тиҷорат, сармоягузорӣ, фарҳанг, аз ҷумла дар доираи «Нақшаи амали муштарак барои солҳои 2023-2027», изҳор гардид.

Зимни суханронӣ истифодаи иқтидори ниҳодҳои молиявӣ ва фондҳои рушди кишварҳои Халиҷ ва Гурӯҳи Бонки исломии рушд дар ин раванд муҳим дониста шуд.

Соҳаҳои энергетика, саноати сабук ва хӯрокворӣ, ҳамчунин кишоварзӣ, бонкдорӣ, туризм, иқтисоди рақамӣ, самтҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва транзитию нақлиётӣ аз ҷумлаи бахшҳои авлавиятнок дар раванди татбиқи тарҳҳои сармоягузорӣ номбар шуданд. Дар ин зимн, бо дарназардошти иқтидорҳои гидроэнергетикии Тоҷикистон, алоқамандии ҷониби мо ба ҷалби сармояи кишварҳои арабии Халиҷ ба рушди «энергетикаи сабз» махсус таъкид гардид.

Президенти кишвар, ҳамчунин, атрофи дигар самтҳои ояндадори ҳамкориҳои барои ҷонибҳо судманд, аз ҷумла таъсиси корхонаҳои муштараки коркарди маҳсулоти кишоварзии аз лиҳози экологӣ тоза, татбиқи лоиҳаҳои гуногуни тиҷоратию иқтисодӣ ва нақлиётию коммуникатсионии дорои аҳамияти минтақавӣ, сохтмони шоҳроҳҳои автомобилгард ва роҳҳои оҳани муосир барои баромадан ба бандарҳои баҳрӣ изҳори назар карданд.

Дар баробари ин тавсеаи ҳамкориҳо дар арсаи гуманитарӣ, аз ҷумла дар соҳаҳои маориф, илм, тандурустӣ, сиёсати ҷавонон ва варзиш, аз василаҳои босамари таҳкими дӯстӣ ва наздикии мардумони кишварҳои ҳар ду минтақа дониста шуд.

Зимни таъкиди тамоюли шиддат гирифтани таҳдиду хатарҳои глобалӣ Сарвари давлати Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон масъалаҳои байналмилалӣ ва минтақавиро мавриди назар қарор доданд. Дар ин росто ба масъалаҳои вобаста ба таъмини амният ва тағйирёбии иқлим таваҷҷуҳи хос зоҳир карда шуд.

Президенти Тоҷикистон аз роҳандозии тамосҳои бештар зич дар ҳалли масъалаҳои номбурда ва тавсеаи ҳамкориҳои созанда дар ин самт бо кишварҳои арабии Халиҷ ҷонибдорӣ намуданд.

Аз рӯи натиҷаҳои вохӯрӣ Эъломияи муштараки сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ ва кишварҳои аъзои Шӯрои ҳамкории давлатҳои арабии Халиҷ қабул гардид.

## МУЛОҚОТУ ВОХӮРИҲОИ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ДАР ҲОШИЯИ НИШАСТИ НАХУСТИНИ ШӮРОИ САРОНИ ДАВЛАТҲОИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ ВА КИШВАРҲОИ АРАБИИ ХАЛИҶ





**19 - уми июли соли 2023 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҳошияи Нишасти нахустини Шӯрои сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ ва кишварҳои арабии Халиҷ дар шаҳри Ҷиддаи Подшоҳии Арабистони Саудӣ бо Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон муҳтарам Қосим-Жомарт Токаев мулоқот карданд.**

Дар рафти суҳбат маҷмӯи масъалаҳои шарикии стратегии ҳар ду кишвар мавриди баррасӣ қарор дода шуд.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон вохӯриро боз як имкони хуб барои муҳокимаи вазъи кунунӣ ва дурнамои муносибатҳои дӯстию ҳамкории Тоҷикистону Қазоқистон маънидод карданд. Изҳори итминон карда шуд, ки татбиқи пайгиронаи мувофиқаҳои қаблан байни ҳар ду кишвар ҳосилшуда барои рушди муносибатҳои шарикии стратегии Тоҷикистону Қазоқистон мусоидат хоҳад кард.

Дар робита ба ин, ҷонибҳо рафти омодагиро ба чорабиниҳои муштараки дуҷониба ва бисёрҷонибаи минтақавию байналмилалии дарпешистода, ҳамчунин дигар мавзӯъҳои мавриди таваҷҷуҳро баррасӣ карданд.

Сарони давлатҳо барои боз ҳам самаранок истифода бурдани ҳамаи имкониятҳо барои бомуваффақият гузаронидани Рӯзҳои фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Қазоқистон (дар моҳи августи соли ҷорӣ), инчунин чорабиниҳои сатҳи олӣ – Вохӯрии панҷуми машваратии сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ ва Ҷаласаи навбатии Шӯрои сарони давлатҳои муассиси Фонди байналмилалии наҷоти Арал табодули андеша карданд.

**19-уми июли соли ҷорӣ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҳошияи Нишасти нахустини Шӯрои сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ ва кишварҳои арабии Халиҷ дар шаҳри Ҷиддаи Подшоҳии Арабистони Саудӣ бо Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон муҳтарам Шавкат Мирзиёев мулоқот карданд.**

Дар рафти суҳбат маҷмӯи васеи масъалаҳои ҳамкорӣ, дӯстию бародарӣ ва ҳусни ҳамҷаворecho Тоҷикистону Ӯзбекистон мавриди баррасӣ қарор дода шуд.

(Давомаш дар саҳ. 2)

## ТОҶИКИСТОН БА ТАТБИҚИ ЛОИҲАҲОИ ТИҶОРАТИЮ ИҚТИСОДӢ ВА НАҚЛИЁТИВУ КОММУНИКАТСИОНӢ ТАВАҶҶУҲИ ХОССА ЗОҲИР МЕНАМОЯД

### Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Нишасти нахустини Шӯрои сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ ва кишварҳои арабии Халиҷ

**Арабистони Саудӣ, 19 - уми июли соли 2023**

**Бисмиллоҳи Раҳмони-р-Раҳим,**

**Волоҳазрат, шоҳзода Муҳаммад ибни Салмон Оли Сауд, Валиаҳди Подшоҳи Арабистони Саудӣ!**

**Муҳтарам сарони давлатҳо ва роҳбарони ҳайатҳо!**

**Муҳтарам Дабири кулли Шӯрои ҳамкории кишварҳои арабии Халиҷ!**

**Хонумҳо ва ҷанобон!**

Дар оғоз мехоҳам ба Ходими ҳарамайни шарифайн, Подшоҳи Арабистони Саудӣ Салмон ибни Абдулазиз Оли Сауд ва Волоҳазрат Валиаҳд Муҳаммад ибни Салмон барои даъват ба нишасти имрӯза ва меҳмоннавозӣ миннатдории самимии худро изҳор намоям.

Дар баробари ин ҷониби Арабистони Саудиро дар иртибот ба ташкил ва танзими бобарори мавсими Ҳаҷҷи соли равон табрик мегӯям.

Кишварҳои Осиёи Марказӣ ва ҳавзаи Халиҷро муштаракоти амиқи таърихӣ, фарҳангӣ ва маънавӣ бо ҳам мепайванданд. Мардумони мо бо такя ба арзишҳои муштарак тӯли асрҳо дар рушди тамаддуни ҷаҳонӣ саҳми муассир гузоштаанд. Ин анъанаҳои нек имрӯзҳо низ чун пояи боэътимоди рушди ҳамаҷонибаи муносибатҳои дӯстӣ ва ҳамкорӣ миёни кишварҳои мо хидмат мекунанд.

Тоҷикистон аз рӯзҳои аввали соҳибистиқлолӣ таҳкими робитаҳои гуногунҷанбаро бо кишварҳои аъзои Шӯрои ҳамкории кишварҳои арабии Халиҷ ҳамчун яке аз самтҳои муҳими сиёсати хориҷии худ муайян намуда, ба ояндаи онҳо назари нек дорад.

Дар ин замина мо аз ташаббуси роҳандозии муколамаи стратегӣ дар қолаби «Осиёи Марказӣ - Халиҷ» ҷонибдорӣ менамоем. Омодаем, ки ҳамкориҳои судмандро дар соҳаҳои гуногуни иқтисод, тиҷорат, сармоягузорӣ, бахши фарҳангӣ ва дигар арсаҳои мавриди манфиати ҷонибҳо, аз ҷумла дар доираи «Нақшаи амали муштарак барои солҳои 2023-2027», тақвият бахшем.

Ин амр барои татбиқи лоиҳаҳои мушаххас заминаи мусоид фароҳам меорад. Дар ин зимн, барои ин мақсадҳо истифода кардани иқтидори ниҳодҳои молиявии кишварҳои арабии Халиҷ, аз ҷумла фондҳои рушди Арабистони Саудӣ, Кувайт, Аморати Муттаҳидаи Араб, Қатар, инчунин, Маркази имдоди Подшоҳ Салмон, Созмони Шайх Зойид ва Гурӯҳи Бонки исломии рушдро муҳим медонем. Мо алоқамандии худро барои ҷалби сармояи кишварҳои ҳавзаи Халиҷ ба иқтисоди Тоҷикистон изҳор медорем. Дар робита ба ин, пешниҳод дорам, ки Фонди махсус барои сармоягузорӣ ва дастгирии рушд дар сиғаи «Осиёи Марказӣ - Халиҷ» таъсис дода шавад.

Бо дарназардошти таҳаввулоти глобалии имрӯза, ҳамчунин зарурати таъсиси Фонди махсуси сармоягузорӣ ва рушдро дар доираи Созмони ҳамкории исломӣ барои дастгирии молиявии кишварҳои рӯ ба тараққии ҷаҳони ислом бори дигар таъкид менамоям.

Қобили зикр аст, ки самтҳои афзалиятноки мо дар татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ соҳаҳои энергетика, саноат, бахусус саноати сабук, хӯрокворӣ, истихроҷи маъдан, кишоварзӣ, бонкдорӣ, сайёҳӣ, иттилоотию коммуникатсионӣ, рақамикунонии иқтисодиёт ва имкониятҳои транзитию нақлиётии ҷонибҳоро фаро мегиранд.

Тоҷикистон, ки дорои иқтидори бузурги гидроэнергетикӣ мебошад, талош дорад, то бахши «энергетикаи сабз»-ро тавассути сохтани силсилаи неругоҳҳои барқи обии гуногунҳаҷм ҳамаҷониба ба нафъи тамоми минтақа рушд диҳад.

Мо умед дорем, ки кишварҳои арабии Халиҷ ва ниҳодҳои молиявии онҳо тавассути сармоягузорӣ дар татбиқи тарҳҳои гидроэнергетикӣ саҳм хоҳанд гузошт.

Ҳамчунин, таъсиси корхонаҳои муштараки коркарди маҳсулоти кишоварзии аз лиҳози экологӣ тоза ба мақсади содирот ба бозорҳои кишварҳои арабии Халиҷ аз ҷумлаи лоиҳаҳои ояндадори ҳамкориҳои судманди мо хоҳад буд.

Тоҷикистон ба татбиқи лоиҳаҳои тиҷоратию иқтисодӣ ва нақлиётиву коммуникатсионии дорои аҳамияти минтақавӣ таваҷҷуҳи хосса зоҳир менамояд. Зимнан, ҷалби сармояи кишварҳои арабии Халиҷро ба сохтмони шоҳроҳҳои автомобилгард ва роҳҳои оҳани муосир барои баромадан ба бандарҳои баҳрӣ муҳим мешуморем.

Мо, бо дарназардошти зарфиятҳои фаровони худ, омодаем, ки барои густариши ҳамкорӣ дар соҳаи сайёҳӣ иқдомҳои муштараки муассирро роҳандозӣ намоем.

Ҷорӣ намудани низоми яктарафаи бераводид аз ҷониби Тоҷикистон дар соли 2022 барои шаҳрвандони кишварҳои минтақаи Халиҷ ба пешбурди босамари ин раванд мусоидат хоҳад кард.

Тавсеаи ҳамкориҳо дар соҳаҳои гуманитариро ба мақсади тақвияти дӯстию наздикии мардумони кишварҳоямон муҳим ва бамаврид меҳисобем.

Дар самти илму маориф ба мақсад мувофиқ медонем, ки робитаҳои миёни донишгоҳҳои кишварҳои Осиёи Марказӣ ва ҳавзаи Халиҷ барои табодули таҷриба, тадқиқоти илмӣ ва татбиқи барномаҳои таълими касбӣ, бахусус дар риштаи илмҳои дақиқ, роҳандозӣ карда шавад.

(Давомаш дар саҳ. 2)

# МУЛОҚОТУ ВОХӮРИҲОИ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ДАР ҲОШИЯИ НИШАСТИ НАХУСТИНИ ШӮРОИ САРОНИ ДАВЛАТҲОИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ ВА КИШВАРҲОИ АРАБИИ ХАЛИҶ



(Идома аз саҳ. 1)

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз ҳолат ва сатҳи имрӯзаи муносибатҳои ҳар ду кишвар ва тадбирҳои ҳукуматҳо барои рушди робитаҳо изҳори қаноатмандӣ карданд.

Ҷонибҳо вазъи робитаҳои ҳар ду кишварро дар сатҳи дуҷониба ва ҳам дар чаҳорчӯбаи ташкилоту созмонҳои минтақавию байналмилалӣ баррасӣ карданд.

Таъкид гардид, ки иштироки ҳар ду кишвар дар Нишасти нахустини Шӯрои сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ ва кишварҳои арабии Халиҷ метавонад ба нафъи давлатҳо хизмат расонад.

Дар ҷараёни мулоқот ҷонибҳо, ҳамчунин, оид ба дигар мавзӯъҳои мавриди таваҷҷуҳ, гуфтугӯйи судманд анҷом доданд.

**19 - уми июли соли равон Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Ҷиддаи Подшоҳии Арабистони Саудӣ дар ҳошияи Нишасти нахустини Шӯрои сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ ва кишварҳои арабии Халиҷ бо Валиаҳд ва Раиси Шӯрои вазирони Подшоҳии Арабистони Саудӣ шоҳзода Муҳаммад ибни Салмон Оли Сауд мулоқот карданд.**

Дар рафти мулоқот маҷмӯи васеи масъалаҳои ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистону Подшоҳии Арабистони Саудӣ баррасӣ гардид.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Валиаҳд ва Раиси Шӯрои вазирони Подшоҳии Арабистони Саудӣ шоҳзода Муҳаммад ибни Салмон Оли Сауд аз пазироӣ ва ба ҷониби Арабистони Саудӣ барои ҳусни таваҷҷуҳ ва меҳмоннавозии самимӣ сидқан изҳори сипос карданд.

Ҷонибҳо нишасти аввалинро дар қолаби «Осиёи Марказӣ-Халиҷ» рӯйдоди муҳим дар таърихи муосири робитаҳои машваратҳои ҳар ду минтақа арзёбӣ карда, изҳори итминон намуданд, ки натиҷаҳои он ба тақвияти риштаҳои дӯстӣ ва пешбурди ҳамкориҳои судманди ҷонибҳо мусоидати муассир хоҳанд кард.

Дар рафти мулоқот тарафҳо аз роҳандозӣ ва тақвияти муколамаи стратегӣ миёни давлатҳои Осиёи Марказӣ ва кишварҳои аъзои Шӯрои ҳамкории кишварҳои арабии Халиҷ ҷонибдорӣ намуданд.

Зимни мулоқот масъалаҳои ҳамкории ҳар ду кишвар дар бахшҳои барои ҷонибҳо судманд, таҳкими робитаҳои дуҷониба, нақши хоссаи муколамаи пайвастаи сатҳи олӣ ва баланди ҷонибҳо баррасӣ гардида, ҷонибҳо ба рушду густариши робитаҳои сиёсӣ, тиҷоратию иқтисодӣ дар чаҳорчӯбаи Кумитаи муштараки дӯстии парлумонӣ, Комиссияи муштараки байниҳукуматии ҳамкориҳои иқтисодию тиҷоратӣ ва илмию техникӣ, Форуми сармоягузории ҳар ду кишвар ва Фонди рушди саудӣ таваҷҷуҳ зоҳир карданд.

Тавсеаи ҳамкориҳо дар бахшҳои энергетика, нақлиёт, ҳамчунин коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, саноати сабук, хӯроквори, дорусозӣ ва истихроҷи маъдан аз самтҳои барои ҳар ду ҷониб судовар арзёбӣ гардид.

Ҷалби сармояи саудӣ барои рушди бахшҳои иқтисоди миллии Тоҷикистон, ки дорои захираю имкониятҳои фарох аст, зарур шуморида шуд.

Тавсеаи минбаъдаи робитаҳои фарҳангию башарӣ омили муҳими таҳкими дӯстии безаволу бародарии байни мардуми ҳар ду кишвар маънидод гардида, ҷонибҳо зимни суҳбат, ҳамчунин масъалаи рушду таҳкими ҳамкориҳоро дар соҳаҳои илму маориф, сайёҳӣ, тандурустӣ ва варзишу ҷавонон баррасӣ карданд.

Густариши ҳамкории кишварҳо дар арсаи амниятӣ, аз ҷумла барои муқовимат ба хатару таҳдидоти муосир аз мавзӯъҳои дигари мулоқот буд, ки ҷонибҳо атрофи онҳо низ табодули афкор намуданд.

Дар охири мулоқот Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз Валиаҳд, Раиси Шӯрои вазирони Подшоҳии Арабистони Саудӣ шоҳзода Муҳаммад ибни Салмон Оли Сауд даъват ба амал оварданд, ки дар вақти барояшон муносиб бо сафари ҷавобии расмӣ ба Тоҷикистон ташриф оранд.

**www.president.tj**

(Идома аз саҳ. 1)

Муассисаҳои соҳавии кишварҳои моро зарур аст, ки муштаракан василаҳои муассири вусъат додани ҳамкориҳоро дар соҳаи тандурустӣ эҷод намоянд. Таъсиси корхонаҳои муштараки дорусозӣ ва озмоишгоҳҳои тиббӣ, табодули таҷриба ва маълумот оид ба зуҳуроти эпидемияҳо ва ваксинагузаронӣ намунаи босамари ин раванд буда метавонанд.

шуморо ба вазъи мураккаби низомию сиёсӣ ва иқтисодию иҷтимоии Афғонистон низ ҷалб намоям.

Тоҷикистон ҳамеша ҷонибдори ҳалли мусолиматомези қазияи Афғонистон буд ва дар ин мавқеъ устувор мемонад. Дар баробари ин, мо бар онем, ки таъсиси ҳукумати ҳамашумул бо иштироки фаъоли намояндагони ҳамаи гурӯҳҳои қавмию сиёсӣ ва иҷтимоӣ, таъмини ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон, бахусус занону духтарон,

# ТОҶИКИСТОН БА ТАТБИҚИ ЛОИҲАҲОИ ТИҶОРАТИЮ ИҚТИСОДӢ ВА НАҚЛИЁТИВУ КОММУНИКАТСИОНӢ ТАВАҶҶУҲИ ХОССА ЗОҲИР МЕНАМОЯД

**Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Нишасти нахустини Шӯрои сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ ва кишварҳои арабии Халиҷ**

**Арабистони Саудӣ, 19 - уми июли соли 2023**

Дар идомаи робитаҳои гуманитарӣ мо иқдомҳои муштараки фарҳангиро барои ҷавонон, аз қабили «Форуми ҷавонони минтақаҳои мо» ҷонибдорӣ менамоем.

Аз баргузории чорабиниҳои гуногуни варзишӣ дар доираи федератсияҳои байналмилалӣ, қитъавӣ ва минтақавӣ истиқбол менамоем.

Масъалаи дигаре, ки ба он мебояд диққат дод, ин дигаргуниҳои куллӣ дар низоми равобити байналмилалӣ мебошанд, ки имрӯз бар асари рақобатҳои геополитикии глобалӣ сурат мегиранд. Минтақаҳои мо низ аз ин таҳаввулот дар канор намондаанд.

Дар шароити кунунии шиддат гирифтани таҳдиду хатарҳои глобалии амниятӣ кишварҳои моро зарур аст, ки барои ҳалли қазияҳои минтақавӣ ва байналмилалӣ тамосу ҳамкориҳои бештар зичро ба роҳ монанд. Дар ин раванд муҳим медонам, ки мо ҳамкориҳоямонро дар самти муқовимат ба ҷинояткории муташаккили фаромарзӣ, бахусус гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, ба таври муассир роҳандозӣ намоем.

Мубодилаи иттилоот ва омӯзиши таҷрибаи якдигар дар ин арса мувофиқи мақсад дониста мешавад. Дар ин росто мехоҳам таваҷҷуҳи метавонад дар Афғонистон заминаи устувори истиқрори сулҳу суботро фароҳам оварад.

Мо аз ҳама гуна талошҳои сиёсию дипломатӣ барои ҳалли мушкилоти Афғонистон ва тадбирҳои расонидани кумакҳои гуманитарӣ ба мардуми он ҷонибдорӣ менамоем. Омодаем, ки дар ин ҷода бо кишварҳои арабии Халиҷ ҳамкории созанда дошта бошем.

Ҷомеаи ҷаҳонӣ имрӯзҳо, воқеан, бештар аз ҳарвақта ба ҳамкориҳои муассир дар мавзӯи тағйирёбии иқлим ниёз дорад. Бо ибрози миннатдорӣ барои дастгирӣ аз ташаббусҳои глобалии Тоҷикистон дар ин ҷода изҳори умед менамоям, ки мо минбаъд низ ҳамкории самарабахши худро оид ба ҳалли мушкилоти об ва тағйирёбии иқлим идома хоҳем дод.

Дар фарҷом бори дигар ба Подшоҳии Арабистони Саудӣ барои танзими муваффақонаи ин нишаст изҳори сипос менамоям.

Итминони комил дорам, ки нишасти имрӯза дар таърихи муносибатҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаи кишварҳои мо саҳифаи навро боз карда, барои рушду таҳкими минбаъдаи ҳамкориҳои барои ҷонибҳо судманд заминаи мусоид хоҳад гардид.

**Аз таваҷҷуҳатон сипосгузорам.**

# НАФАСИ ТОЗА

**Фароҳам гардидани ду ҳазор ҷои нави кор, 10 фоиз афзудани истеҳсоли маҳсулот ва тасмим барои дар се соли оянда ба 300 ҳазор тонна расонидани ин нишондиҳанда аз оғози марҳилаи сифатан нави фаъолияти КВД «Ширкати Алюминийи Тоҷик» мужда дод**

**Чанде пеш масъулини Корхонаи воҳиди давлатии «Ширкати Алюминийи Тоҷик» иқдомеро амалӣ намуданд, ки бо назардошти моҳият ва натиҷа барои дигар коргоҳу муассисаҳо намунаи ибрат бояд бошад. Манзур ташкил намудани боздиди як гурӯҳ журналистон мебошад, ки дар ин зимн аз тариқи воситаҳои ахбори омма ва шабакаҳои иҷтимоӣ ба аҳли ҷомеа доир ба фаъолият ва дурнамои ин корхонаи муқтадир маълумоти муфассал пешниҳод гардад.**




Пурмоҳият будани иқдоми мазкур дар он зоҳир мегардад, ки бар асари буҳронҳои молиявӣ ва зуҳури COVID - 19 корхонаи мавриди назар аз соли 2008 инҷониб ба мушкилоти зиёд мувоҷеҳ гардид. Муҳим он аст, ки роҳбарият ва кормандони корхона марҳилаҳои ба маънои том ҳассосро сарбаландона паси сар намуданд. Аз соли 2008 фаъолияти корхона бо истифодаи ашёи хоми дохилӣ тавсеа ёфта, технологияи он комилан таҷдид шуд.

Дар ин замина зерниҳоде ба номи «Талко - ресурс» бо иқтидори 400 ҳазор тонна ангишт дар як сол ба кор даромада, тавассути дастгоҳҳои истихроҷи газ вобастагии корхона аз воридоти он анҷом ёфт. Минбаъд ба роҳ мондани тавлиди маҳсулоти аз оташ осебнопазир, аз ҷумла хиштҳои навъи гуногун, кварсит, графити 97- фоиза, шишаи моеъ, криолит, фториди алюминий ва оксиди сулфат, идомаи мантиқии ин раванд ба ҳисоб меравад.

Тадбирандешиҳои мазкур боис гардид, ки бо ҷалби сармояи хориҷӣ 10 ширкати зертобеъ фаъол гардида, 60 фоизи ашёи хоми барои истеҳсоли алюминий зарур дар дохили кишвар ба даст ояд. Набояд сарфи назар кард, ки мушкилоти молиявии байналмилалии солҳои 2013-2016 ба корхонаи мазкур таъсири манфӣ расониданд. Бино ба иттилое, ки расонаӣ шуд, Корхонаи воҳиди давлатии «Ширкати Алюминийи Тоҷик» солҳои 2015 - 2017 мутаносибан 60,8 ва 73,8 миллион доллари ИМА зарар дида буд. Бо зуҳури бемории сироятии COVID - 19 мушкилот дар фаъолияти он афзуда, дар ин марҳила осеби ҷиддӣ ба фаъолияти дегҳои барқӣ расид. Хушбахтона, ин марҳила низ паси сар шуда, нишондиҳандаҳо дар ҳама самт тамоюли беҳшавиро касб намудаанд.

Иттилоъ гирифтем, ки дар шаш моҳи аввали соли равон корхона 31 ҳазору 500 тонна алюминийи аввалия истеҳсол кардааст, ки дар қиёс ба ҳамин давраи соли гузашта зиёд аст. Азми масъулин дар ин самт қавӣ буда, тасмим аст, ки дар се соли охир тавлиди алюминийро 5 маротиба афзоиш дода, ба 300 ҳазор тонна расонанд. Муҳим он аст, ки фаъолияти электролизёрҳо ба маҷрои муайян ворид шуда, дар нимсолаи аввали соли 2023-юм 28 электролизёр фаъол гардид. То охири сол таъмир ва ба кор андохтани зиёда аз 90 электролизёр дар назар аст.

Ҳоло дар ин ширкат 4767 нафар кор мекунанд ва қарор аст, ки баъд аз барқарор шудани электролизёрҳо аз 1,5 то 2 ҳазор нафари дигар ба кор ҷалб шаванд. Тайи ним соли гузашта маоши коргарон низ 10 фоиз боло рафта, ҳоло музди миёнаи онҳо ва мутахассисон мутаносибан 2204 ва 4000 сомонӣ аст.

Далели ҷолиби дигар тавсеаи ҳамкории КВД «Ширкати Алюминийи Тоҷик» бо истеҳсолкунандагони дохилӣ мебошад. Масъулин ба журналистон гуфтанд, ки дар шаш моҳи аввали соли ҷорӣ бо супориши Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ширкати мазкур корхонаҳои ватаниро бо 6879,731 тонна алюминий ба маблағи 178,9 млн. сомонӣ таъмин намуд.

Мушоҳида кардем, ки ба васлу насби технологияи нави истеҳсолӣ таваҷҷуҳ хоса аст, зеро ба шарофати ин иқдом имкон фароҳам меояд, ки неруи барқ сарфа гардида, сифати маҳсулот беҳбудӣ ёбад. Аҳли ин корхона аз таваҷҷуҳи доимии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сипосгузор буда, мулоқот бо заҳматкашони онро, ки 5- уми апрели соли 2000 доир гардида буд, ёдовар шуданд. Ҳамон вақт Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон корхонаи мазкурро «шиносномаи Тоҷикистон» номида, гуфта буданд, ки он аҳамияти корхонаи азими саноатиро дар миқёси давлатӣ ниҳоят дақиқ инъикос менамояд. Қобили зикр аст, ки 24 - уми майи соли равон дар идомаи сафари корӣ ба шаҳри Турсунзода Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо лоиҳаи навсозии силсилаҳои 5 ва 6-уми КДВ «Ширкати Алюминийи Тоҷик» шинос шуда буданд.

Заҳматкашони корхона, аз он ки саноатикунонии босуръати мамлакат аз ҷониби Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳадафи чоруми стратегии миллӣ эълон гардид, хушнуданд ва барои саҳмгузорӣ дар ин раванд иродаашон хастагинопазир аст. Барқарорсозии иқтидорҳо, истифодаи густурдаи технологияҳои муосир, ҷалби бештари сармояи хориҷӣ, тавсеаи ҳамкорӣ бо истеҳсолкунандагони ватанӣ, ба кор андохтани электролизёрҳои иловагӣ, афзун намудани истеҳсоли молҳои ниёзи мардум ва профилҳои алюминий аз нақшаҳои минбаъдаи аҳли КВД «Ширкати Алюминийи Тоҷик» мебошанд.

**Далер АБДУЛЛО, «Садои мардум»**

# РУШДИ ИҚТИСОДИЁТИ ТОҶИКИСТОН ДАР МИНТАҚА БАЛАНДТАРИН ЭЪТИРОФ ШУД

**Чанде пеш Бонки рушди АвруОсиё ҳисоботи макроиқтисодӣ аз рӯи ҷамъбасти нимсолаи аввали соли 2023 - ро омода намуд. Коршиносон муайян карданд, ки новобаста аз сустшавии фаъолияти тиҷоратӣ дар ҷаҳон иқтисодиёти кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ рушд карда, сатҳи таваррум поён рафтааст.**



Тибқи иттилои сомонаи «Ia. centr. ru» дар семоҳаи якуми соли равон Маҷмӯи маҳсулоти дохилии Тоҷикистон 8,2 дарсад афзуд. Ин нишондиҳанда дар Қазоқистон 4,5 ва дар Қирғизистон 3,4 дарсадро ташкил дод.

Илова бар ин Тоҷикистон сатҳи пасти таваррумро нигоҳ дошта тавонист. Моҳи майи соли ҷорӣ таваррум 2,4 дарсадро ташкил дод, ки дар панҷ соли охир натиҷаи беҳтарин аст.

Мувофиқи хулосаи коршиносон яке аз манбаъҳои рушди Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ (ММД) дар Тоҷикистон зиёд шудани талаботи дохилӣ мебошад. Дар шаш моҳи аввали соли ҷорӣ гардиши савдо дар кишварамон 14,8 дарсад афзуда, ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ 22,8 дарсад зиёд шуд. Дар соҳаи аграрӣ истеҳсолот 12,6 дарсад боло рафт.

Дар баробари ин коршиносони Бонки рушди АвруОсиё ба Тоҷикистон тавсия медиҳанд, ки омилҳои ғайричашмдошт, ба монанди баландшавии сатҳи таваррум дар Федератсияи Россия, пастшавии қурби рубли русӣ ва эҳтимоли камшавии интиқоли маблағ аз ин кишварро ба инобат гиранд, зеро ҳаҷми интиқоли маблағ ба ММД таъсири назаррас мегузорад.

**С. НАҶМИДДИНЗОДА, «Садои мардум»**

Нигаронӣ

# НОРАК: ЧАРО ДАР МАРКАЗИ САЛОМАТӢ ИНТИЗОМИ МЕҲНАТ РИОЯ НАМЕШАВАД?

**Ҳифзи саломатии мардум яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иҷтимоии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, коҳиш додани беморӣ миёни аҳолӣ, пешгирии фавти кӯдакону наврасон ва расидан ба Ҳадафҳои рушди устувор дар соҳаи тиб, беҳтар намудани хизматрасониҳои тиббӣ ба занҳои ҳомила, тифлони навзод, таъмини ғизои солим, иммунизатсия, солимгардонии маъюбон аз ҷумлаи масъалаҳои муҳими соҳа боқӣ мемонад.**

**Солҳои охир бо ташаббуси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва талошу заҳматҳои Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар соҳаи тибби ҷумҳурӣ пешравию дигаргуниҳои зиёд ба амал омада, барои кормандони соҳа шароити хуби хизматрасонӣ фароҳам оварда шуд. Мутаассифона, на дар ҳама муассисаҳои тиббии шаҳру ноҳияҳо ба қадри чунин шароити муҳайёгардида мерасанд. Хабарнигори рӯзнома ҳолати ногувори риоя нагардидани тартиботи интизоми меҳнатро дар Маркази саломатии шаҳри Норак мушоҳида намуд.**

Чане пеш субҳи барвақт ба Маркази саломатии шаҳри Норак омадам. Дар назди ҳар шуъбаи марказ на камтар аз 8 - 10 нафар муроҷиаткунанда интизори табибон буданд. Паси дари шуъбаи ташхиси ултрасадо (УЗИ) шумораи боз ҳам зиёди занону кӯдакон ва калонсолон барои қабул навбат гирифта буданд. Гарчанде дари ҳуҷраҳо боз бошанд ҳам, вале то соати 08:40 дақика аз табибони «ҳозиқу дилсӯз»-и ин даргоҳи тандурустӣ дарак набуд.

Барои муайян кардани ҳолати бамиёномада зарур шуморидем бо роҳбарияти Маркази саломатӣ ҳамсуҳбат шавам, аммо сардухтури муассиса ва муовинонаш дар ҷои кор ҳузур надоштанд. Барои пайдо кардани роҳбарияти маркази саломатӣ ба иҷрокунандаи вазифаи мудири шуъбаи қадрҳо Ҳилола Зоидова ва ҳамшираи калони шафқати марказ Сабоҳат Тағойбекова муроҷиат кардем. Ин ду нафари масъул дар куҷо будани роҳбариятро гуфта натавонистанд. Яке аз ҳамшираҳо изҳор кард, ки сардухтури Маркази саломатӣ Тағойбек Қаҳҳорзода ба сафари хидматӣ ба маркази вилоят - шаҳри Бохтар рафтаасту муовини ӯ Нурмаҳмад Ализода, бинобар пеш омадани зарурат, каме дертар меояд. Дар бораи чаро ҳузур надоштани муовини дигари сардухтур Суннатулло Тағоев маълумот пайдо нашуд. Ба гуфти масъулон ва навбатдор (аз гуфтани ному насабаш худдорӣ кард), ӯ ба қабули раиси шаҳр рафтааст, аммо дурӯғ будани суханашро дарк карда, баҳонаи дигаре пеш оварда, гуфт, ки муовин ба минтақа рафтааст. Ба кадом минтақа рафтанаш низ барои мо номаълум боқӣ монд. Ҳамин тариқ, боз дурӯғи мудири шуъбаи кадрҳо, ҳамшираи калони шафқат ва навбатдор фош гардиду онҳо худро якбора канор гирифтанд. Вазъ чунин буд, ки кормандони техникии Маркази саломатӣ, ки мебоист ҳар субҳ ҳуҷраҳои кории роҳбарият, табибону ҳамшираҳои шафқат ва дигар кормандони соҳаро то оғози соати корӣ тозаю омода намоянд, ба кор дер омаданд. Ин далели он аст, ки табибону ҳамшираҳои шафқат ва дигар кормандони Маркази саломатии шаҳрӣ аз набудани роҳбарият суиистифода карда, ба ҷои кор сари вақт ҳозир намешаванд.

Чунин рафтори масъулони марказ моро водор намуд, ки ба китоби қайдҳои омадурафти кормандони муассиса назар намоем. Навбатдори Маркази саломатӣ дар нуқтаи бақайдгирӣ (даромадгоҳи марказ) ҳузур надошт. Баъди шиносоӣ бо китоби бақайдгирӣ маълум гардид, ки аз соати $8^{00}$ то $8^{40}$-и субҳ ҳамагӣ шаш нафар ҳамшираи шафқат ва ду нафар табиб ба кор ҳозир шуда, ба корафтодагон хидмат мекарданд.

Бо чанде аз беморон ҳамсуҳбат шудем. Онҳо аз хизматрасонии табибони ин марказ изҳори нигаронӣ карда, гуфтанд, ки дар ин муассиса ҳар рӯз аҳвол ҳамин гуна аст.

Ҳолати сари вақт ба кор ҳозир нашудани маъмурият, табибону ҳамшираҳои шафқат, кормандони техникии Маркази саломатии шаҳрии шаҳри Норак ва изҳори нигаронии муроҷиаткунандагонро ба сардухтури Маркази саломатӣ Тағойбек Қаҳҳорзода ва муовини якуми раиси шаҳр Шуҳрат Азимзода расонидем. Мутаассифона, онҳо хомӯширо авло дониста, то ҳол посухе нагуфтанд. Пас, муқаррароти моддаи 60-и Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Таъмини интизоми меҳнат», ки интизоми меҳнатро аз ҷониби корфармо бо роҳи муҳайё намудани шароити зарурии ташкилӣ ва иқтисодӣ барои меҳнати фардӣ ва коллективӣ, муносибати бошууронаи кормандон ба меҳнат, усулҳои боваркунонӣ, ҳавасмандгардонӣ барои меҳнати содиқона, ҳамчунин татбиқи ҷазои интизомӣ, ки барои вайрон намудани интизоми меҳнат муайян кардааст, ба кӣ тааллуқ дорад? Кас дар ҳайрат мемонад, ки чаро масъулони санҷишу тафтишоти давлатӣ чунин камбудиҳоро, ки нишони равшани дағалона вайрон кардани интизоми меҳнат аст, ошкор намекунанд?

Агар рафти хизматрасонии тиббӣ, муносибати хунукназаронаи роҳбарияту табибон ва дигар кормандони Маркази саломатии шаҳрӣ ва масъулини Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Норак нисбат ба беморону муроҷиаткунандагон чунин бошад, пас фаъолияти марказҳои саломатӣ ва бунгоҳҳои тиббии деҳот чӣ ҳол дошта бошанд? Шояд ба ин суол масъулини Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавоб мегӯянд?

**Муҳаммад ЗОКИР, «Садои мардум»**

# СОКИНОНИ 7 ДЕҲА АЗ БАРҚ МАҲРУМАНД




**Бино ба иттилои сардори Шабакаҳои барқи ноҳияи Темурмалик Ҳасан Исматзода, феълан дар ноҳия сокинони 7 деҳа барқи доимӣ надошта, баъзе оилаҳо аз панелҳои хурди офтобӣ истифода мебаранд.**

Номбурда гуфт, ки дар деҳаҳои зикршуда аз 5 то 32 хоҷагӣ умр ба сар мебаранд.

- Соли гузашта бо қувваи худӣ дар якҷоягӣ бо сокинон як деҳаро бо барқ таъмин кардем. Барои кашидани хатти барқ маблағи калон лозим аст, ки онро надорем. Деҳаҳои мазкур аз нуқтаи зеристгоҳи барқӣ масофаи 18 то 30 километр дур ҷойгир мебошанд. Дар баробари деҳаҳои зикршуда дар ноҳия боз деҳае ҳаст, ки дар он ҷо ду хоҷагӣ умр ба сар мебаранд, - гуфт Ҳ. Исматзода.

Қарзи истифодаи неруи барқ, симчӯбҳои кухнаю фарсуда, надоштани маводи зарурӣ, аз ҷумла равғани трансформатор, сӯзишвории дизелӣ, симчӯбҳои оҳану бетонӣ ва техникаҳои корношоям, аз мушкилоти дигари Шабакаҳои барқи ноҳияи Темурмалик ба ҳисоб меравад. Тибқи маълумоти дастрасгардида, айни замон дар ноҳия 16 ҳазору 919 пояҳои чӯбин ва зерпояҳои оҳану бетонӣ мавҷуд аст, ки 3 ҳазору 522 ададаш пояҳои фарсуда мебошанд.

**Исломи РАҶАБАЛӢ,**
**«Садои мардум»**

# БЕТАВОФУТИИ ПАЙВАНДОН ВА НИГАРОНӢ АЗ НОРАСОИИ КАДР

**Муассисаи давлатии «Беморхонаи ҷумҳуриявии клиникии бемориҳои равонӣ» дар ҷумҳурӣ калонтарин барои беморони рӯҳӣ ба ҳисоб меравад. Дар муассисаи мазкур 505 нафар нигоҳдорӣ ва табобат карда мешаванд.**

Барои шиносоӣ бо шароити беморон ва фаъолияти табибон ба муассисаи мазкур рафтем.

### УСУЛИ КОР ДАР БЕМОРХОНА ЧӢ ГУНА АСТ?

Дар Муассисаи давлатии «Беморхонаи ҷумҳуриявии клиникии бемориҳои равонӣ» он беморонеро қабул мекунанд, ки бо роҳхати мақомот меоянд. Дар он шахсони аз 18 - сола боло табобат мегиранд. Доруҳое, ки барои беморон лозим мешавад ройгон ҳастанд, вале на ҳамеша басандаанд. Бино ба гуфти муовини директори муассисаи мазкур Лутфулло Гулов, кам нестанд нафароне, ки ба наздикони беморашон доруворӣ меоранд.

Ҳоло дар беморхона зиёда аз 70 фоизи беморон доимӣ қарор доранд. Қисме барои ҷомеа хавфноканд, бархеро пайвандонашон намегиранд ва боз ҳастанд шахсоне, ки мехоҳанд беморонашонро аз ин ҷо гиранд, вале барои нигоҳубин шароит надоранд.

Беморone, ки барои ҷомеа хавфноканд дар ҳуҷраҳои махсус бо панҷара нигоҳ дошта мешаванд.

«Аслан беморонро хабар гирифтан хуб аст, вале дар кори мо ин паҳлуи манфӣ ҳам дорад. Беморone ҳастанд, ки пас аз дидорбинӣ бо аҳли оила ва хешу табор худро бад ҳис мекунанд, оромишро аз даст медиҳанд. Ҳастанд беморone, ки бо дидани наздиконашон худро беҳтар ҳис мекунанд».

Бархе ба хабаргирии беморонашон меоянду баъзеҳо суроғ намекунанд», - изҳор дошт Лутфулло Гулов.

Ташхис ва табобат дар Муассисаи давлатии «Беморхонаи ҷумҳуриявии клиникии бемориҳои равонӣ» комплексӣ буда, дар он на танҳо равонпизишк, балки табиби бемориҳои асаб, пӯст, занона, дарунӣ, ҷарроҳ ва табиби гӯшу гулӯю бинӣ фаъолият мекунанд. Инчунин, ба беморон ёрии дандонпизишкӣ расонида мешавад.

Беморхона дорои озмоишгоҳ мебошад, ки дар он таҳлили хун, пешоб, фазла, инчунин аз рӯи нишондод таҳлили RW ва таҳлил барои муайян намудани қанди хун гирифта мешавад.

Дар давоми бистарӣ будан беморон бо ҷои хоб, се маротиба хӯроки гарм таъмин мебошанд. Маблағе, ки барои хӯрокворӣ ва доруҳо ҷудо мешавад, кам аст, вале ҳоло шароит ҳамин қадар аст.

Илова бар ин, ҳафтае ду-се маротиба аз ҷониби шахсони саховатманд барои беморон хайрия дар намуди маҳсулоти хӯрокворӣ оварда мешавад.

### ДАР СУҲБАТИ ТАБИБ

- Ин ҷо на танҳо бароямон ҷойи кор, балки хона аст. Мо дар ин муассиса дар баробари кор, зиндагӣ ҳам мекунем. Бо беморон тавре муносибат мекунем, ки моро бегона наҳисобанд, - ба суҳбат оғоз кард мудири шуъбаи занонаи муассисаи мазкур Гулнора Рӯзибоева.

Ӯ аз соли 2004 то ҳоло дар ин беморхона фаъолият дорад. Мегӯяд, ки солҳои аввал кор бо беморон душвор буд.

Ҳамсуҳбати мо мудири шуъба аст, вале аз сабаби норасоии кадрӣ чанд вазифаро иҷро мекунад ва барои пешрафти кору беҳтар шудани ҳолати беморон кӯшиш менамояд.

- Баъзан донишҷӯён барои таҷрибаомӯзӣ меоянд, вале намехоҳанд пас аз хатм ин ҷо кор кунанд, - гуфт Гулнора Рӯзибоева.

### НИГАРОНӢ ВА ПЕШНИҲОД

Дар беморхона 15 табиби бемориҳои рӯҳӣ фаъолият доранд. Аз ҳамшираҳои тиббӣ 34 нафар дорои дараҷаи олӣ, 14 нафар дараҷаи якум ва 26 нафар дараҷаи дуюми тахассусиро доро мебошанд, ки ин 78 фоизро ташкил медиҳад.

Маоши миёнаи духтурон 966,85 сомонӣ, ҳамшираҳои тиббӣ 637,45 сомонӣ ва парасторон 529 сомониро ташкил менамояд.

Аз норасоии кадрӣ директори муассиса Хуршед Қунғуротов нигаронӣ карда, гуфт, ки бо вуҷуди сафи довталабон ба соҳаи тандурустӣ аз меъёр зиёд будан, барои табобати беморони рӯҳӣ дар кишвар 200 табиб намерасад.

- Мо мушкили кадрӣ дорем. Соли 1990 дар беморхонаи мо 144 табиб буд, ҳоло 15 нафар аст. Ба ҳолати имрӯза дар шаҳру ноҳияҳои Рӯдакӣ, Шаҳринав, Файзобод, Роғун, Нуробод, Рашт, Лахш, Тоҷикобод, Ванҷ, Хоруғ, Дарвоз, Мурғоб, Ишкошим, Рошқалъа ва 13 ноҳияи вилояти Хатлон умуман табиб барои беморони рӯҳӣ нест. Шояд сабаб кам будани маош бошад.

Ҳамсуҳбати мо гуфт, ки шумораи беморони рӯҳии дар қайдбуда 50 ҳазору 762 нафарро ташкил медиҳанд ва барои ин қишри ҷомеа бештар табиб лозим аст. Ӯ пешниҳод кард, ки хуб мешавад агар ҳамасола барои ихтисосҳои лозимӣ низ квотаи президентӣ ҷудо карда шавад.

**Шарофат АБДУЛВОҲИДОВА,**
**«Садои мардум»**

Арзи сипос

# МАКОНИ ОСОИШ ВА ТАБОБАТ



**Ифтихор ва шукрона мекунем, ки дар оғӯши кишвари зебою пуртароват ва пурфайзи Тоҷикистон зиндагӣ дорем. Диёри афсонавиамон дорои маконҳои хушбоду ҳаво ва табиати дилфиреб мебошад, ки ба инсон роҳат ва тандурустӣ мебахшад. Аз ҷумла Осоишгоҳи «Хоҷа Оби Гарм», ки дар бағали кӯҳ ҷойгир аст, на танҳо дар Тоҷикистон, балки хориҷ аз он маълуму машҳур мебошад. Ба ин ҷо дар баробари ҳамватанонамон аз кишварҳои дуру наздик ҳар сол садҳо истироҳаткунанда меоянд. Махсусан, дар ин рӯзҳои фасли тобистон осоишгоҳи мазкур серодам аст.**

Мо низ чанд муддат аз ин макони дилфиребу хуррам баҳравар гаштем. Махсусан, ҳавои мусоиду салқин, буғи нодиру шифобахши он ба мо қуввату дармон бахшид. Барои истироҳату фароғат ва табобати мизоҷон дар осоишгоҳ тамоми шароит муҳайё гардидааст. Меҳмонон аз ҷониби ходимони осоишгоҳ хуш қабул гардида, нахуст ташхису муоина мешаванд ва сипас табобату истироҳат мекунанд. Мушоҳида кардем, ки кормандони осоишгоҳ кӯшиш менамоянд ба мизоҷон муносибати самимӣ дошта бошанду онҳоро кумаку дастгирӣ намоянд. Ба бошандагони ин ҷо дар ошхонаи калону барҳаво се вақт хӯроки гарму дигар ғизоҳо омода ва пешкаш мегардад. Дар баробари муомилаю муносибати маъмурону табибон мехостем хизмати хуби кормандони ошхонаро низ қайд кунем. Дар рӯзҳое, ки табобату истироҳат мекардем, аз муомилаи хушу хизматрасониҳои беминнати пешхизматон Солиҳа Шарифова ва Шаҳзода Шарифова баҳравар гаштем. Мехоҳем ба онҳо ва дигар кормандони осоишгоҳ тавассути нашрияи бонуфузи «Садои мардум» изҳори сипос намоем.

**Бо эҳтиром собиқадорони меҳнат**
**Юсуф АМИНОВ ва Шамъигул ҚУРБОНОВА**

Зикри хайр

**Хотираи неки профессори ҷопонӣ Акино Ютака ва дигар ҳамроҳонаш, ки аз дасти хунхорҳои наҳзатӣ ба қатл расида буданд, абадист, зеро ин нафарон барои иҷрои амали нек мекӯшиданд. Онҳо барои сулҳу субoти Тоҷикистон фаъолият намуда, дар ин роҳ ҷонашонро қаҳрамонона нисор карданд.**

Сори ҷопонӣ Акино Ютакаро дар раҳи барқарор намудани сулҳ ҳаргиз фаромӯш намекунад. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соли 2007 зимни боздидашон аз Ҷопон Акино Ютакаро ёд карда, барои иштирокаш дар раванди барқарорсозии сулҳ миннатдорӣ ва ба хешону наздиконаш ҳамдардӣ баён намуда буданд.

# ХОТИРАИ НЕКИ ПРОФЕССОР АКИНО ЮТАКА АБАДИСТ

Аммо нафрати мардум ба наҳзатиҳо, ки ин амали нангинро содир намудаанд, даҳчанд гардидааст. Ҳамин гуна амалҳои хабисона буд, ки ташкилоти мазкур мамнӯъ ва террористӣ дониста шуд. Воқеан, ин созмони хунхор душмани миллату давлати тоҷик ва башарият мебошад.

Аслан, ташкилоти террористии ҳизби наҳзати исломӣ аз аввали фаъолияташ дар муқобили миллат даст ба ҷинояту хушунат зада, ягон вақт аз ин роҳи нангин барнагаштааст. Наҳзатиҳо ҳатто баъд аз ба имзо расидани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон ҳам амалҳои террористию дигар ҷиноятҳои вазнинро идома додаанд. Қатлу ғорати ваҳшиёнаи шаҳрвандони Тоҷикистон, кормандони созмону ташкилотҳои байналмилалӣ дар солҳои навадуми асри XX барои террористони наҳзатӣ ба амали маъмулӣ табдил ёфта буд. Аз ҷумла, 20-уми июли соли 1998 террористони наҳзатӣ чор нозири СММ, шаҳрванди Лаҳистон - Ришард Швезик, шаҳрванди Уругвай - Адолфо Шарпегю, шаҳрванди Ҷопон - профессор Акино Ютака ва тарҷумон - ронандаи тоҷик Маҳрамов Ҷӯрахонро зимни ҳаракат аз ноҳияи Тавилдара ба тарафи маҳаллаи Лабиҷар ваҳшиёна ба қатл расониданд.

Террористони наҳзатӣ, тибқи одати маъмулиашон, ин ҷинояти мудҳиши худро эътироф накарданд, вале далелҳои раднопазир мавҷуданд ва исбот шудааст, ки ин амали нангини террористӣ кори дасти қотилони ТТЭ ҲНИ мебошад. Бояд таъкид кард, ки он замон мавзеи содир гардидани ҷинояти мазкур пурра зери назорати неруҳои ҷангии наҳзатӣ қарор дошту роҳбарияти он бо мақсади халалдор кардани раванди барқароршавии сулҳ ба ин амали террористӣ даст зада буд. Он вақт наҳзатиҳо бо содир кардани чунин кирдори зишт дар марҳилаи пешазинтихоботӣ нуфузи роҳбарияти кишварро дар арсаи байналмилалӣ ва дар назди ҷомеаи кишвар паст карданӣ буданд, аммо ба ҳадафи шумашон нарасиданд.

Мардуми тоҷик хизматҳои профес-

Баъд аз содир гардидани ҷинояти мазкур сафири собиқи Тоҷикистон дар Ҷопон Ғуломҷон Бобозода бо рӯзноманигорони расонаи хабарии «Nippon» дар бораи ҳодисаи мазкур муфассал суҳбат намуда, гуфта буд: «Дар роҳи барқарорсозии сулҳ, ки роҳбарияти давлат ва халқ барои он талош мекарданд, кумаки Созмони Милали Муттаҳид, аз ҷумла писари фарзонаи халқи Ҷопон, профессор Акино Ютака бузург буд. Ӯ ҳамеша ғами мардумро мехӯрд ва дарк мекард, ки дар чӣ гуна вазъи мураккаб Тоҷикистон қарор дорад. Вай дар ҳайати СММ тамоми имконоташро ба кор бурд, то дар Тоҷикистон сулҳ барқарор шавад».

Ҷиноятҳои сангину амалҳои террористии содирнамудаи наҳзатиҳои ифротӣ дар солҳои гузашта моро водор месозад, ки дар ҳифзи амнияту субoти кишварамон ҳушёр ва дар ҳифзи Ватани азизамон, Истиқлолияти давлатию Ваҳдати миллӣ саҳмгузор бошем. Гиромӣ доштану аз ҳар ҳодисаи ногаҳонӣ эҳтиёт кардани Тоҷикистони ободу озод вазифаи ҷонии ҳар тоҷику тоҷикистонӣ мебошад.

